ТАҚРИЗИ

Роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқӣ диссертатсионӣ, дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи интихобнамудаи Назарзода Абдузоир Жуманазар яке аз мавзуҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳои лозимаро ба кор мегирад, ки низоми маорифи кишвар рушд карда, мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар омода намояд.

Вобаста ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромаду паёмҳояшон ҳамасола ба Маҷлиси олӣ ба рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ аҳаммияти хосса медиҳанд. Дар ин росто дар Паёми соли 2019 омадааст: «Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсияи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040» «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шавад». Имкониятҳои химия ҳамчун фанни таълими дар ташаккули тафаккури техникию эҷодии хонандагон хеле калон буда, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда нақши муҳим гузошта метавонад.

Назарзода Абдузоир Жуманазар (Назаров Абдузоир Жуманазарович) соли 2010 ба факултети химия ва биологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав ба ихтисоси химия ва биология-омӯзгор дохил шуда, онро соли 2014 зинаи бакалавр хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси химия дохил шуда, соли 2016 зинаи мазкурро бо ихтисоси химия бо баҳои аъло хатм кардааст. Аз 1 сентябри соли 2014 то соли 2016 дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 шаҳри Бохтар (Қӯрғонтепа) фаъолият намудааст. Мавсуф фаъолияти

кориашро аз 1 сентябри соли 2016 то соли 2017 ба ҳайси лобаранти кафедраи химияи умумии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намуда аз соли 2017 то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор ва фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Назарзода А.Ж., аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарявӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби якуми дисертатсия «Технологияи педагогии муосир ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии таълими химия» номгузорӣ шуда аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якум «Адаптатсияи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун омили самаранокии таълим» ба нақшаи мутобиқшавии хонандагон ба таълим, дар ҳаёти имрӯза, ҷамъиятӣ, ҳалли проблемаҳои дидактикӣ ва методологии таълим маълумот дода мешавад.

Зербоби дуюм «Нақши технологияи педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии таълими химия» ном гирифта шудааст.

Технологияи педагогӣ инчунин аз рӯйи асосҳои гуногун ба анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ (инноватсионӣ) ҷудо карда мешавад.

Зербоби сеюм «Мавқеи таълими фардӣ дар технологияҳои гуногуни таълимӣ»

Таълими фардӣ ва технологияи мутобиқшавӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси таълимгирандагон дар мавриди кори фардии омӯзгор дар ҷараёни мавҷудияти мухтории низоми кори мустақилона бо хонандагон амалӣ карда мешавад.

Боби дуюми дисертатсия «Асосҳои методии истифодаи маводи дидактикии ёрирасон дар раванди таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ» номгузорӣ шуда аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм «Принсипҳо ва методҳои истифодаи маводи дидактикии ёрирасон дар ҷараёни таълими химия» Маводи дидактики метавонад қисман фаъолияти ҷустуҷӯиро дар давраҳои аввали иҷрои супоришҳои сатҳи мураккабиашон гуногун иҷро намоянд.

Зербоби дуюми боби дуюм «Методика истифодаи маводи дидактикии ёрирасони хусусияти тавсиявӣ дошта барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия дар синфҳои 8-9»

Зарур аст, ки таълимгирандагони синфи 8-9 сабаб ва оқибати онро муқоиса карда тавонанд. Онро дар вақти иҷрои супоришҳои гуногун оҳиста-оҳиста рушд меёбанд. Барои онҳо маводҳои иловагии гуногун хусусияти тавсиявӣ дошта, ёрӣ расонида метавонад.

Зербоби сеюми боби дуюм «Тарзи самаранокии ташкил намудани фаъолияти маърифатии хонандагон бо маводи дидактикии ёрирасон» Мақсади асоси истифодаи таълими бонизоми мутобиқшавӣ, яъне адаптатсия ба хусусияти инфиродии хонанда; зиёд кардани вақт барои кори мустақилонаи коллективӣ ва инфиродии омӯзгор ба ҳар як хонанда ва дар амалия санҷидани методикаи истифодаи маводи дидактикии ёрирасон дар таълими химия мебошад.

Боби сеюми диссертатсия «Озмоиши педагогии методикаи истифодаи маводи дидактики ёрирасон дар раванди таълими химия» номгузори шуда аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм «Вазифаҳои озмоишӣ дар давраҳои таҳқиқот».

Мақсади кори озмоишӣ санҷидани самаранокии методикаи кор кардшуда бо истифода аз технологияи мутобиқшавӣ (адаптатсионӣ) хонандагон ҳангоми омӯзиши химия дар синфҳои 8 ва 9 буд.

Ҳангоми омӯзиш ба масъалаҳои дараҷаи фаҳмиши мафҳумҳо, сатҳи фикркунӣ, мустаҳкамии диққат, амалиётҳои таҳлил, синтез, ҷудо карда тавонистани маводҳои асосӣ аз дуюмдараҷа, истифодаи донишҳо дар амал, маҳорати иҷрои корҳои амалӣ ва кор карда тавонистан ба таҷҳизоти химиявӣ диққати махсус дода шуд.

Зербоби дуюми боби сеюм «Давраи ташаккулдиҳандагии озмоиш» Дар давраи озмоиш бо истифода аз МДЁ 9 то кори хаттии озмоишӣ аз рӯйи супоришҳои пешаки тайёр кардашуда гузаронида шуд. Аломатҳои натиҷаи ҳар як кори хатти таҳлил карда шуда, арзиши оморӣ дода шуд.

Зербоби сеюми боби сеюм «Озмоиши назоратӣ (муқоисавӣ)» Муқоисаи маълумотҳо оид ба сатҳи дониш ва маҳорати хонандагон дар синфи 8 бо синфи 9 нишон медиҳад, ки ҳиссаи хонандагони синфҳои озмоишӣ, ки сатҳи дониш ва маҳорати олӣ нишон доданд, дар синфи 9 кам шудааст: мутаносибан 38,1% ва 34,3%. Лекин ҳиссаи хонандагони сатҳи миёна аз 53,2% то 62,9% зиёд шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи унвонҷӯ Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводҳои дидактикии ёрирасон» аз руйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳои аз 26.06.2023 №295) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ
профессори кафедраи методикаи таълими
фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав С. Холназаров
«17» 02 2026 с.

Имзои доктори илмҳои педагогӣ, профессор С. Холназаров. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
«17» 02 2026 с.

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; тел: 8(3222)2-54-81,2-22-53;
почтаи электронӣ- bgu-1978@mail.ru; сомона- www.btsu.tj;